*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 78 - 79 (4661 - 4662) | ҶУМЪА, 16 ИЮНИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## МАШВАРАТИ КОРӢ

**15 - уми июни соли равон дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо иштироки аъзои Ҳукумати кишвар, роҳбарони сохторҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони як қатор идораву кумитаҳои давлатӣ, раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳои Суғду Хатлон, Раиси шаҳри Душанбе ва роҳбарони шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ машварати корӣ доир карданд.**

Дар он масъалаҳо вобаста ба рушди бахшҳои иқтисоди миллӣ, омодагии ҳамаҷониба барои дар сатҳи баланди тадорукотӣ баргузор кардани як қатор чорабиниҳои байналмилалӣ, вусъати корҳои ободонӣ ба хотири истиқболи сазовори Ҷашни умумимиллии 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва дигар тадбирҳои ободонию созандагӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар машварати кории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти омодагӣ барои баргузории Воҳӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал, ки 14-15 сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе доир мегардад, Сарвазири мамлакат, раиси Кумитаи тадорукот Қоҳир Расулзода гузориш дод.

Оид ба вазъи корҳои саҳроӣ, ҷамъоварии саривақтию беталафи зироат, гузаронидани кишти такрорӣ, захираи кофии маҳсулоти озуқаворӣ ва кишоварзӣ ҳисоботи муовини Сарвазири мамлакат Сулаймон Зиёзода шунида шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати кишвар, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо барои дар сатҳи зарурӣ баргузор кардани чорабиниҳои ба нақша гирифташуда, омодагӣ ба маъракаи зимистонгузаронӣ, захираи кофии маводи сӯзишворӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ ва ғайра супоришҳои мушаххас доданд.

Дастурҳои дигар ба Ҳукумати кишвар, кумитаҳои оид ба корҳои занон, кор бо ҷавонон ва варзиш, ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ ва дигар сохторҳои марбута барои дар сатҳи баланд ташкилу гузаронидани таътили тобистона ва таъмини амнияту бехатарии кӯдакон дода шуд.

**www.president.tj**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**Шонздаҳуми июни соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Ба рӯзномаи ҷаласа масъалаҳои зерин дохил буданд: «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Тоҷикобод», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани шаҳраки нав дар маркази маъмурии шаҳри Леваканти вилояти Хатлон ва Сарбанд номгузорӣ намудани он», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Камолзода Р.» ва «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум».

Масъалаҳои рӯзномаро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ, раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Дилшод Раҳмон, муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология Лола Одилбекова, раисони кумитаҳои Маҷлиси миллӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон Маҳмадшоҳ Гулзода, оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Шарифҷон Ҷумъазода, оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Фарҳод Раҳимӣ ва Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода шарҳу тавзеҳ доданд.

Шӯрои Маҷлиси миллӣ масъалаҳои рӯзномаро барои баррасӣ ба Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод кард. Шӯрои Маҷлиси миллӣ, ҳамчунин «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул намуд.

**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**16 – уми июни соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани



илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар хусуси Мактуб-созишномаи «Тағйирот ба созишномаи қарзии №TJK-1025 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд» мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъд аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Баҳодур Аҳмадзода, раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ, оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода, муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мавзуна Шамсиддинзода ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, масъаллаҳо «Дар бораи баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи доир намудани муҳокимаи парламентӣ «Оид ба рафти иҷрои «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», «Дар бораи доир намудани муҳокимаи парламентӣ оид ба «Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», «Дар бораи баргузор намудани Озмуни ҷумҳуриявии матолиби беҳтарин дар мавзӯи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», «Дар бораи рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» мавриди баррасӣ қарор гирифта, вобаста ба онҳо қарор қабул шуд.

Масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод шуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум», «Дар бораи даъват намудани ҷаласаи хотимавии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи хотимавии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОНРО ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ ҚОНУНИ НАВ ТАНЗИМ МЕНАМОЯД

**Шонздаҳуми июни соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Барои бақайдгирии тариқи системаи овоздиҳии электронӣ аз қайд гузаред. Марҳамат.

Дар иҷлосия 28 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ иштирок доранд. Инчунин, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, раиси Палатаи ҳисоб, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма дар толор ҳозир мебошанд.

Оид ба оғози кори иҷлосия чӣ гуна таклиф ҳаст?

Таклиф шуд, ки иҷлосия корашро оғоз намояд.

Таклифро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро тариқи овоздиҳии электронӣ муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, *таклиф қабул шуд.*

Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Барои ташкили ҷараёни кори иҷлосия лозим аст, ки мутобиқи банди 102-юми Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби кори Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро муайян ва тасдиқ намоем.

Бо назардошти масъалаҳои дар рӯзнома пешбинишуда пешниҳод менамоям, ки барои маърӯзаҳо то 5 дақиқа, музокираҳо то 3 дақиқа ва барои дархосту таклифҳо то 2 дақиқа вақт муайян карда шавад.

Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Пешниҳодро ба овоз мемонам. Марҳамат.

Ташаккур, *пешниҳод қабул гардид.*

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мутобиқи банди 102-юми Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки Котиботи иҷлосияро интихоб намоем. Оид ба ин масъала сухан ба узви Маҷлиси миллӣ Хоҷазода Фарзона дода мешавад. Марҳамат.

*(Хоҷазода Фарзона пешниҳод менамояд, ки ҳайати Котибот иборат аз се нафар интихоб карда шавад).*

**РАИС: Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Таклиф шуд, ки Котиботи Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум иборат аз се нафар интихоб карда шавад.

Таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Шумораи ҳайати Котиботро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, *таклиф қабул гардид.*

Марҳамат, Хоҷазода Фарзона ҳайати Котиботро пешниҳод намоед.

**Фарзона ХОҶАЗОДА**: - Ба ҳайати Котиботи Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум аъзои зерини Маҷлиси миллӣ пешниҳод карда шуданд:

Абдуқодир Вализода – раиси Котибот

Мусо Мирзозода ва Карима Ҳакимова - аъзои Котибот.

**РАИС:** - Оид ба ҳайати Котибот таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян намоед. Марҳамат.

Ташаккур, *қарор қабул гардид.*

Аз ҳайати Котибот хоҳиш карда мешавад, ки ба ҷойҳои худ гузашта, ба кор шурӯъ намоянд.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Лозим аст, ки рӯзномаи Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро тасдиқ намоем.

Лоиҳаи рӯзномаи Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум ба шумо пешниҳод шудааст.

Оид ба масъалаҳои он таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва аз аъзо хоҳиш менамоям, ки мавқеи худро муайян намоянд. Марҳамат.

*Қарор дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум қабул гардида, ба он масъалаҳои зерин ворид гардид:*

**1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

**2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ»**

**3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда»**

**4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

**7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда»**

**9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон»**

**10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ»**

**12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона»**

**13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»**

**14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ»**

**15. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Тоҷикобод»**

**16. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани шаҳраки нав дар маркази маъмурии шаҳри Леваканти вилояти Хатлон ва Сарбанд номгузорӣ намудани он»**

**17. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Камолзода Р.».**



**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи якуми рӯзнома - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» шурӯъ менамоем. Сухан аз рӯи ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**РАҲМОН Дилшод:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 7 - уми июни соли 2023 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст, муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии низоми иҷозатдиҳӣ буда, он 6 боб ва 47 моддаро дар бар гирифтааст.



Бобҳои 1-2 бо фарогирии (моддаҳои 1-20) меъёрҳо роҷеъ ба муқаррароти умумӣ бо шарҳи 23 мафҳуми асосӣ ва қонунгузории соҳа, доираи амали қонуни мазкур ва дарҷи низоми танзимшаванда, ки иҷозатномаҳо ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро муайян кардааст, пешбинӣ намуда, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи низоми иҷозатдиҳӣ, мақомоти иҷозатдиҳанда ва иҷроияи иҷозатдиҳанда, хусусиятҳои додан, амал ва муҳлати амали ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ва ситонидани хироҷ барои додани онҳо, принсипҳои низоми иҷозатдиҳӣ, инчунин тавзеҳи шаффофияти низоми иҷозатдиҳӣ ва ҳифзи манфиатҳои қонунии шахс, ҷомеа ва давлатро дар низоми иҷозатдиҳӣ муайян намудаанд.

Боби 3 муносибатҳои марбути барасмиятдарории маъмурии дастрас намудани иҷозатнома ва ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро танзим намуда, меъёрҳои дар боби 4 муттаҳидшуда ба таври мушаххас номгӯи ҳуҷҷатҳои барои гирифтани онҳо зарур, тартиб ва муҳлати баррасии ариза ва қабули қарор дар бораи додан ё рад кардан аз додани иҷозатнома ва ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, азнавбарасмиятдарорӣ, додани нусхаи дуюм, боздоштан, қатъи амал ё бекор кардани онҳо, ҳамзамон дар ҳолатҳои алоҳида овардани шикоят ё муроҷиат намудан ба судро пешбинӣ кардааст.

Бобҳои 5-6 (моддаҳои 38-47) талаботро вобаста ба ҳуҷҷатҳое, ки барои гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ заруранд, муқаррар намуда, тартиби баррасии ариза ва гирифтани санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, рад кардан аз тасдиқ ва мувофиқасозӣ, расмиёти фиристодани огоҳинома ва тартиби тасдиқи фиристодани огоҳиномаро ба таври саҳеҳ ифода намудааст. Ҳамзамон, дар доираи бобҳои мазкур масъалаҳои марбут ба муқаррароти хотимавӣ, ҳалли баҳсҳо, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талабот, тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкур ва аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 -уми майи соли 2004 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 2 - юми августи соли 2011 муқаррар гардидааст.

Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташуда, ки ба қонуни мазкур замима шудааст, барои аз ҷониби субъекти хоҷагидор (шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ) амалӣ намудани 78 номгӯи фаъолияти иҷозатнома, барои 70 номгӯи амал ё фаъолият ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, дар 56 ҳолати амал санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ ва дар 3 ҳолат огоҳиномаи гирифташавандаро пешбинӣ намудааст. Ҳамчунин, дар феҳристи мазкур андозаи хироҷ барои баррасии ариза, додани ҳуҷҷат ва хироҷи минбаъдаи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори баъзе намудҳои иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташуда ба роҳ монда шудааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, бинобар пешбинии расмиёти ягонаи коргузорӣ, аз ҷумла ба таври электронӣ ва дар доираи санади мукаммал танзим намудани низоми иҷозатдиҳӣ, он ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва таҳкими иқтидори истеҳсолии кишвар мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, бо арзи эҳтиром хоҳиш мекунам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи дуюми рӯзномаи иҷлосия - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» оғоз мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад.

**РАҲМОН Дилшод:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» муайян намудани асосҳои ҳуқуқии ташкил ва иштироки ихтиёрии инфиродӣ ва дастҷамъонаи шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, инчунин, ҷалби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути таъсис додани шӯрои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти корҳои дохилӣ ва иштироки васеи шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ буда, он фарогири 9 боб ва 32 модда мебошад.

Дар бобҳои 1 - 2 (моддаҳои 1-8) меъёрҳо вобаста ба муқаррароти умумӣ бо шарҳи 5 мафҳуми асосӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, принсипҳо, инчунин, ҳуқуқҳои шаҳрвандон оид ба мусоидат кардан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, иштироки инфиродӣ ва дастҷамъонаи онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ваколатҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи марказиву маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқҳои худидоракунии маҳаллӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешбинӣ гардидаанд.

Бобҳои 3 ва 4 (моддаҳои 9-14) муносибатҳои роҷеъ ба фаъолият ва иштироки инфиродии шаҳрвандонро дар шакли кормандони ғайриштатӣ ва шаҳрвандоне, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамоянд, инчунин тартиби ташкил ва мақоми дастёрони ихтиёрӣ, шӯроҳои ҷамъиятӣ ва шӯрои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки шаҳрвандон тавассути онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дастҷамъона иштирок менамоянд, муқаррар кардаанд.

Моддаҳои 15-22, ки дар бобҳои 5 ва 6 оварда шудаанд, ба таври мушаххас 7 роҳи амалигардонии фаъолияти дастёрони ихтиёрӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва масъулияти узви он, шароит ва ҳадди истифодаи қувваи ҷисмонӣ аз ҷониби чунин дастёрон, ҳамчунин, тартиби ташкил, вазифа ва фаъолияти шӯроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти корҳои дохилиро аз вазорат то минтақаи хизматии милитсия ( яъне, аз зинаи болоӣ то ибтидоӣ) бо дарҷи хусусиятҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо ва 7 ҳолати мамнӯият муқаррар намудаанд.

Ҳамзамон, тибқи талаботи моддаи 22 ба зиммаи шӯрои ҷамъиятӣ дар назди шуъбачаҳои шаҳрак, деҳот ва минтақаи хизматии милитсия иҷрои вазифаҳое гузошта шудааст, ки дар 11 банд пешбинӣ гардидааст.

Мавзӯи бобҳои 7-8 муқарраротро доир ба кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва чораҳои ҳавасмандгардонии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидаткунанда танзим намуда, тибқи он, шартҳои нисбат ба шахсони дар боло зикршуда татбиқ гаштани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» пешбинӣ шудааст. Инчунин, ба таври алоҳида ҳавасмандгардонии моддӣ, кафолатҳо ва ҷубронҳои дигар, таъминоти моддию техникии фаъолияти онҳо ва бо ҳамин мақсад ташкил додани фонди ташаббусҳои шаҳрвандӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва таҳкими қонуният пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин, дар доираи боби хотимавӣ танзими муносибатҳои марбут ба ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур, тартиби мавриди амал қарор гирифтани он ва аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 3 – юми декабри соли 2009 ба роҳ монда шудааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои иштироки васеи шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, баланд бардоштани обрӯ ва нуфузи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ ва такмили фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад.

**РАҲМОН Дилшод:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 7 – уми июни соли 2023 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст.

Мақсади қонуни мазкур аз муайян намудани асосҳои ҳуқуқии муқаррар ва амалӣ кардани назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда иборат буда, он фарогири 5 боб ва 14 модда мебошад.

Дар боби 1 (моддаҳои 1-3) меъёрҳо доир ба муқаррароти умумӣ бо шарҳи 4 мафҳуми асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда ва мақсади қонуни мазкур муайян карда шудаанд.

Моддаҳои 4-10, ки дар боби 2 қонуни мазкур оварда шудааст, асосҳо ва тартиби муқаррар, амалӣ, дароз ва қатъ намудани назорати маъмуриро пешбинӣ намуда, тибқи он назорати маъмурӣ нисбат ба шахси болиғ, ки доғи судиро барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ҷиноятҳо дар ҳолати ретсидиви ҷиноят, ду ё зиёда ҷиноятҳои қасдона ва ҷиноятҳои қасдона ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ нисбати ноболиғон дорад, бо қарори судя дар асоси дархости мақомоти корҳои дохилӣ ва бо розигии прокурори дахлдор ба муҳлати аз 6 моҳ то 3 сол дар доираи муҳлати доғи судӣ муқаррар мешавад. Илова ба ин, дар боби мазкур муносибатҳои доир ба шикоят овардан аз болои қарори судя ва муҳлати баррасии он, тартиби бақайдгирии шахси таҳти назоратбуда ва амалӣ намудани назорати маъмурӣ, дарозу кам кардани муҳлати назорати маъмурӣ, инчунин, 4 ҳолати маҳдудиятҳои маъмурии нисбат ба шахси таҳти назоратбуда татбиқшаванда ва 5 ҳолати қатъ гардидани назорати маъмурӣ танзим гардидааст.

Дар бобҳои 3-4 (моддаҳои 11-12) муқаррарот роҷеъ ба ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси таҳти назоратбуда, ваколатҳои мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми амалисозии назорати маъмурӣ, аз ҷумла гирифтани маълумот аз ҷойи кор ва ё маҳали будубоши воқеии шахси таҳти назоратбуда дар бораи рафтори ӯ, даъват намудани шахси таҳти назоратбуда ба мақомоти корҳои дохилии маҳали будубоши воқеӣ барои гирифтани баёнот дар шакли шифоҳӣ ва ё хаттӣ оид ба масъалаҳои аз ҷониби ӯ риоя нагардидани маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи суд ва иҷро нашудани уҳдадориҳои пешбининамудаи қонуни мазкур, инчунин асосҳои аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ додани иҷозат барои берун баромадан ба муҳлати кӯтоҳ аз маҳали будубоши воқеӣ ё маҳали муқаррарнамудаи суд муқаррар карда шудаанд.

Ҳамзамон, тибқи меъёрҳои дар боби 5 ҷойгирифта, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор гирифтани он пешбинӣ шудааст.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои огоҳсозӣ ва пешгирии такроран содир кардани ҷиноят, коҳиш ёфтани ҳолатҳои ретсидиви ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар, мусоидат менамояд. Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан аз рӯи ин масъала ба Раҳмон Дилшод дода мешавад.

**РАҲМОН Дилшод:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 29 – уми марти соли 2023 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст.

Тибқи қонуни мазкур бо мақсади муқаррар намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои риоя накардани тартиби додани варақаи корношоямии муваққатӣ дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ ба кодекси амалкунанда моддаи $110^{1}$ илова гардидааст.

Тибқи моддаи мазкур аз ҷониби корманди тиббии муассисаҳои табобатию профилактикӣ риоя накардани тартиби додани варақаи корношоямии муваққатӣ дар ин муассисаҳо, ки боиси беасос пардохт кардани маблағҳои буҷетӣ гардидааст, ҳангоми набудани аломати ҷиноят ба андозаи аз даҳ то понздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин мешавад.

Қисми 2 - юми модда, ки дар давоми як сол баъд аз таъини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори зикргардидаро пешбинӣ намудааст, ҷазоро дар намуди ҷарима ба андозаи аз понздаҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар кардааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои баланд бардоштани масъулияти кормандони муассисаҳои табобатию профилактикӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба кумакпулӣ ҳангоми корношоямии муваққатӣ мусоидат менамояд. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**РАҲМОН Дилшод:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардида, онро 29 – уми марти соли 2023 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонуни мазкур бинобар пешбинӣ шудани ҷавобгарии маъмурӣ барои риоя накардани тартиби додани варақаи корношоямии муваққатӣ дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ, аз тасҳеҳ ва мушаххас намудани ваколатҳои мақомоти тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ иборат буда, ба ин васила ба моддаҳои 94, 95 ва $121^{1}$ кодекс тағйироту иловаи дахлдор ворид карда шудаанд.

Чунончи, дар қисми 1 моддаи 94 рақамҳои «133-137» ба рақам ва калимаҳои «133,134 (ба истиснои сари вақт напардохтани кумакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ) иваз шуда, тибқи мазмуни он минбаъд баррасии парвандаҳо оид ба риоя накардани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, инчунин сари вақт напардохтани музди меҳнат, нафақа ва идрорпулӣ аз ҷониби мақомоти назорат дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ баррасӣ мешавад.

Ҳамзамон, ба қисми 1 моддаи 95 пас аз рақамҳои «110-123» рақамҳо ва калимаҳои «, 134 (дар қисми сари вақт напардохтани кумакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ) ва 140» илова гардида, тибқи мазмуни он минбаъд парванда оид ба сари вақт напардохтани кумакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин, дидаю дониста додани маълумоти нодуруст ҳангоми таъин намудани кумакпулии иҷтимоии давлатӣ, аз номи мақомоти тандурустӣ сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муовинони ӯ, сардорони сарраёсатҳо ва раёсатҳои он дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва раёсати Хадамот дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон баррасӣ мегардад. Дар робита ба ин муқаррарот, бо тағйироту иловаи зикршуда, аз қисми 2 моддаи 95 сархатҳои дуюму чорум ва аз қисми 1 моддаи $121^{1}$ рақами «140,» хориҷ карда шудааст. Тибқи меъёри мазкур, баррасии парвандаҳо оид ба дидаю дониста додани маълумоти нодуруст ҳангоми таъин намудани кумакпулии иҷтимоии давлатӣ аз ваколати мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа хориҷ шудааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои аз ҷониби мақомоти марбута татбиқ намудани ваколатҳои дар кодекс муқарраршуда, мусоидат менамояд. Хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*




(Давомаш дар саҳ. 3)

# ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОНРО ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ ҚОНУНИ НАВ ТАНЗИМ МЕНАМОЯД

(Идома аз саҳ. 2)

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» шурӯъ мекунем. Сухан аз рӯи масъалаи мазкур ба Раҳмон Дилшод дода мешавад.

**РАҲМОН Дилшод:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Раҳимӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Ғафорзода, Х. Амонулло, Б. Аҳмадзода ва К. Исмоилиён пешниҳод гардида, онро 15 – уми марти соли 2023 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст.

Мақсади қонуни мазкур арҷгузорӣ ба нақш ва аҳамияти ҳокимияти олии қонунгузорӣ ва мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ буда, ба моддаи 2 қонуни амалкунанда сархатҳои 65 -ум ва 82 – юм илова гардида, тибқи онҳо минбаъд 26 – уми сентябр Рӯзи Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва якуми декабр – Рӯзи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун ид муайян гардидааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои рушди парламентаризми тоҷик ва баланд бардоштани ифтихори касбии кормандони мақомоти марбута мусоидат менамояд. Хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология Одилбекова Лола дода мешавад. Марҳамат.

**Лола ОДИЛБЕКОВА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**



Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагон 24 – уми майи соли 2023 қабул намудааст.

Мақсад аз қабули қонуни мазкур мутобиқ намудани Кодекси замин ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар ва такмили он буда, дар қисмҳои дахлдори моддаҳои 17 ва 27 тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид шудаанд, ки хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатӣ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» мегузарем. Марҳамат Лола Одилбеова.

**Лола ОДИЛБЕКОВА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагон 19 – уми апрели соли 2023 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани он ба талаботи дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Бо ин мақсад, дар моддаи 1 қонуни амалкунанда мафҳуми «туризми экологӣ» ба «сайёҳии экологӣ» иваз гардида, дар сархати сензлаҳуми моддаи мазкур мафҳуми нави «ҳифзи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» илова шудааст.

Қисми 1-уми моддаи 17 дар таҳрири нав ифода шудааст, ки мутобиқи он, минбаъд минтақаҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ ва дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мешавад.

Мутобиқи таҳрири нави қисми 1-уми моддаи 26, паркҳои табиии давлатӣ дар ҳудуди барои ин мақсад ҷудокардашуда, инчунин қитъаҳои замини истифодабарандагони дигар ҷойгир карда мешаванд. Илова бар ин, дар як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда, тағйиру иловаҳои дахлдор ворид гардидааст, ки хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дорад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Хоҳиш мекунам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» шурӯъ менамоем.

Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Д.Мансурӣ, П.Маликзод ва П.Шодизода пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19-уми апрели соли 2023 қабул намудааст.

Мақсади ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни амалкунанда аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ намудани меъёрҳои он ба талаботи дигар санадҳои қонунгузорӣ мебошад.

Тағйиру иловаҳои пешбининамуда ба моддаҳои 1, 2, 3, 4, 5, 9, 11, 15, 20 қонуни мазкур хусусияти муайянкунанда ва мутобиққунанда дошта, ба бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта, истифодаи истилоҳу ибораҳо бо назардошти услуби ягона ва мутобиқгардонии меъёрҳои моддаҳои зикргардида ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Қонуни пешниҳодгардида ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, аз аъзои Маҷлиси миллӣ бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 - юми майи соли 2023 қабул намудааст.

Қонуни мазкур, асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳо, самтҳои фаъолият, ташкил, низом, сохтор, ваколатҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва хизмат дар Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тартиби таъминоти молиявӣ, моддӣ ва техникии онро бо мақсади гузаронидани аудити берунаи мустақили давлатӣ муайян менамояд.

Қонуни мазкур аз 10 боб ва 56 модда иборат буда, дар боби 1 - уми он вазъи ҳуқуқии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Палатаи ҳисоб, доираи амали қонун, принсипҳои фаъолият, вазифаҳо, ваколатҳо ва мустақилияти фаъолияти Палатаи ҳисоб инъикос ёфтаанд.

Дар боби 2 сохтори Палатаи ҳисоб, вазъи ҳуқуқии раис, муовини раис ва сараудиторон, ваколатҳои раис, муовини раис, сараудитор, ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ва ваколатҳои он, инчунин бархӯрди манфиатҳо ва дастури Палатаи ҳисоб дарҷ гардидааст.

Талаботи тахассусӣ, тартиби таъин, муҳлати ваколат, боздоштан ва қатъи ваколатҳои раис, муовини раис, сараудитор, роҳбари дастгоҳ, аудитор ва корманди дигари Палатаи ҳисоб дар боби 3 инъикос ёфтаанд. Бобҳои 4 ва 5 аудити молиявӣ, аудити самаранокӣ, хулоса аз натиҷаи аудити берунаи мустақили давлатӣ, мақсади гузарондани чорабиниҳои аудиторӣ, банақшагирии фаъолияти аудиторӣ, марҳилаҳои чорабиниҳои аудиторӣ, даврияти гузарондани аудит, усулҳои амалигардонии чорабиниҳои аудиторӣ, огоҳкунӣ дар бораи аудити гузарондашаванда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои роҳбари объекти аудити Палатаи ҳисоб, ҷалб кардани коршиносони беруна, методологияи аудит, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корманди Палатаи ҳисоб ҳангоми гузарондани аудит, дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳо ва бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида, хулосаи аудиторӣ, инчунин уҳдадорӣ барои иҷрои талаботи қонунии корманди Палатаи ҳисоб ва тартиби нигоҳдории ҳуҷҷатҳоро ба танзим медарорад.

Маблағгузории Палатаи ҳисоб, молу мулки он, ҳамкории Палатаи ҳисоб бо мақомоти давлатӣ, ҳамкории байналмилалӣ, ҳисоботи солона оид ба фаъолияти аудиторӣ, ҳисоботи махсус, ҳисоботи солона ва нашри ҳисоботи аудиторӣ дар бобҳои 6, 7 ва 8 дарҷ гардидааст.

Дар бобҳои 9 ва 10 аудити ҳисоботи солонаи молиявии Палатаи ҳисоб, баҳодиҳии мустақили берунаи сифати аудити гузарондаи Палатаи ҳисоб, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талабот ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкур инъикос ёфтааст.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи баркӣ» оғоз мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи баркӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 -уми апрели соли 2023 қабул намудааст.

Қонун асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии фаъолият дар соҳаи алоқаи баркӣ, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои соҳаи мазкурро муқаррар намуда, ба таъмини рушди инфрасохтории соҳаи алоқаи баркӣ равона гардидааст.

Қонун аз 5 боб ва 37 модда иборат буда, боби 1 вазифаҳо, мафҳумҳои асосӣ, принсипҳои фаъолият ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи алоқаи баркиро фаро мегирад.

Дар боби 2-и қонун идоракунии давлатӣ дар соҳаи алоқаи баркӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, танзими истифодабарии радиобасомад, комиссияи давлатӣ оид ба радиобасомадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби сертификатсия, рақамгузорӣ ва хизматрасонии универсалӣ, инчунин дигар масъалаҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи алоқаи баркӣ пурра инъикос ёфтааст.

Моликияти шабакаҳо, аз ҷумла шабакаҳои хусусиву давлатӣ ва истифодаи онҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ, ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда ҳангоми пайвастшавӣ, пайвастшавии байнишабакавӣ, таъсису васеъкунии шабакаҳои алоқаи баркӣ, бартарафсозии оқибатҳои садама ва вайроншавии онҳо дар боби 3-и қонун муайян шуда, бобҳои 4 ва 5 ҳуқуқу уҳдадориҳои иҷозатномадор ва ҳуқуқу уҳдадориҳои истифодабарандаро ба танзим даровардa, ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур, инчунин тартиби мавриди амал қарор додани онро муқаррар кардааст.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Хоҳиш мекунам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи баркӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 – уми июни соли 2023 қабул намудааст.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолиятро дар соҳаи таъмини ченаки ягона бо мақсади қонеъ намудани талаботи шаҳрвандон ва иқтисодиёти мамлакат ба натиҷаҳои воқеӣ, боэътимод ва муқоисашавандаи ченак, ҳифзи саломатии аҳолӣ, муҳити зист, таъмини иқтидори мудофиавӣ ва амният муайян менамояд.

Қонун мазкур аз 6 боб ва 28 модда иборат буда, боби 1- уми он мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъмини ченаки ягона ва принсипҳои соҳаи таъмини ченаки ягонаро дар бар гирифта, бобҳои 2 ва 3 – юми қонун масъалаҳои сиёсати давлатӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини ченаки ягона, сохтори хадамоти метрологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, воҳидҳои бузургӣ, маҳакҳои давлатии воҳидҳои бузургӣ, воситаҳои ченак ва усулҳои иҷрои ченкуниро ба танзим медарорад.

Боби 4 назорати метрологӣ ва назорати давлатии метрологӣ номгузорӣ карда шудааст, ки дар он объектҳо, соҳаҳо ва намудҳои назорати метрологӣ, инчунин тасдиқи навъ ва аттестатсияи метрологии воситаҳои ченак, санҷиши эътимоднокӣ ва андозагирии он, аттестатсияи воситаҳои санҷиш, аккредитатсияи хадамоти метрологӣ барои ҳуқуқи ҷои кор ва хизматрасониҳои метрологӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони мансабдоре, ки назорати метрологиро амалӣ менамоянд ва мусоидатнамоӣ ба шахсони мансабдори хадамоти давлатии метрологӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар боби 5 маблағгузории ҳатмии давлатии корҳо оид ба таъмини ченаки ягона инъикос гардида, боби 6 муқаррароти хотимавиро дар бар мегирад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» оғоз мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ ва як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 – уми майи соли 2023 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади танзими минбаъдаи муносибатҳо байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон ва фурӯшандагон қабул гардидааст.

Бо ин мақсад, дар моддаи 1-и қонуни амалкунанда мафҳуми бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) такмил дода шуда, ба моддаи 3 қисми дуюм бо мазмуни зерин илова карда шудааст: «Ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро қонун кафолат медиҳад.».

Дар моддаи 6 қисми 2 илова шудааст, ки мутобиқи он, минбаъд аз ҷониби фурӯшанда дар шартнома пешбинӣ намудани шартҳои иловагӣ нисбат ба хусусиятҳои техникии мол, ки истеҳсолкунанда муқаррар кардааст, манъ аст.

Мутобиқи иловаҳои дар моддаи 12 қисми 5 воридгардида, ҳангоми муайян намудани андозаи зараре, ки дар натиҷаи маълумоти нопурра ва беэътимод дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) расонида шудааст, бояд сифат ва хусусиятҳои мол (кор, хизматрасонӣ) минбаъд ба назар гирифта шавад.

Ҳамзамон, дар моддаи 19 қисми 12 бо мазмуни нав илова гардидааст, ки мутобиқи он талаботи истеъмолкунандагон, ки дар ҷараёни муҳлати кафолат бо шартҳои ба камбудии мол (кор, хизматрасонӣ) алоқаманднабуда пешниҳод шудааст, қонеъ карда намешавад.

Дар доираи қонуни пешниҳодгардида, сархати сеюми қисми якуми моддаи 28 дар таҳрири нав ифода шудааст, ки мутобиқи он минбаъд истеъмолкунанда ҳангоми ошкор гардидани камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) ҳуқуқ дорад бо хости худ талаб намояд, ки моли дигар аз ҳамон мавод бемузд ва бо ҳамон сифат тайёр ё кор (хизматрасонӣ) такроран бемузд иҷро карда шавад.

Илова бар ин, дар моддаи 38 қисми 2, сархати чорум илова гардидааст, ки тибқи он, мақоми давлатии зиддииинҳисорӣ минбаъд ташаккул ва пешбурди махзани иттилооти дастрасро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

Ҳамзамон, ба як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳои дахлдор ворид шудааст, ки онҳо хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Хоҳиш мекунам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 – уми майи соли 2023 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади танзими муносибатҳои соҳаи нафту газ, инчунин аз байн бурдани ихтилофот таҳия ва пешниҳод гардида, дар доираи он ба моддаи 1 мафҳумҳои нав, аз қабили конденсати газ, газни табиии моеъ, ҳамчунин талафоти технологӣ илова шудааст.

Дар доираи қонуни пешниҳодшуда, сархатҳои дуюм ва нуҳуми моддаи 5 дар таҳрири нав ифода шуда, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи мазкур мушаххас гардонидааст.

Бо назардошти рушди муносибатҳо дар соҳаи нафту газ ва ривоҷ ёфтани механизмҳои амалишавии талабот ба соҳа, моддаи 6 дар таҳрири нав ифода шудааст, ки ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатиро дар соҳаи нафту газ мукаммал намудааст. Илова бар ин, ба як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда тағйироту иловаҳои дахлдор ворид шудааст, ки онҳо хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Тоҷикобод» шурӯъ менамоем. Аз рӯи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарлементӣ Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Кумита Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 – уми марти соли 2023 таҳти №131 «Оид ба иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Тоҷикобод»-ро мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо қарори мазкури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тоҷикобод оид ба иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Тоҷикобод ҷонибдорӣ шудааст.

Зарурати иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Тоҷикобод, пеш аз ҳама, мутобиқатнамоӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, маводи зарурӣ тибқи номгӯи ҳуҷҷатҳо оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тоҷикобод пешниҳод шудааст.

Хоҳишмандем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Тоҷикобод» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатӣ - Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани шаҳраки нав дар маркази маъмурии шаҳри Леваканти вилояти Хатлон ва Сарбанд номгузорӣ намудани он» мегузарем. Марҳамат Раҳимӣ Фарҳод.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 - уми апрели соли 2023 таҳти №184 пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Левакант дар бораи таъсис додани шаҳраки нав дар маркази маъмурии шаҳри Левакант ва номгузорӣ намудани он ба Сарбанд ҷонибдорӣ шудааст.

Зарурати таъсис додани шаҳраки нав дар маркази маъмурии шаҳри Левакант саривақтӣ буда, маводи зарурӣ тибқи номгӯи ҳуҷҷатҳо оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ, ки аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Левакант пешниҳод шудаанд, ҷонибдорӣ шудааст.

Хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани шаҳраки нав дар маркази маъмурии шаҳри Леваканти вилояти Хатлон ва Сарбанд номгузорӣ намудани он» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатӣ - Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Камолзода Р.» шурӯъ менамоем.

Сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ализода Зариф дода мешавад. Марҳамат.

**Зариф АЛИЗОДА** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Президенти



Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Камолзода Р.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Камолзода Р.» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Тибқи талаботи банди 103 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиботи иҷлосия оид ба рафти иҷлосия, муроҷиатҳо ва ҳуҷҷатҳои ба унвони иҷлосияи Маҷлиси миллӣ воридшуда маълумот манзур менамояд. Доир ба ин масъала сухан ба раиси Котибот Вализода Абдуқодир дода мешавад. Марҳамат.

**Абдуқодир ВАЛИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Унвонии Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум муроҷиат, ариза, дархост ворид нашудааст.

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Масъалаҳои рӯзномаи Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баррасӣ шуданд ва нисбат ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Доир ба рафти иҷлосия таклифу пешниҳодҳо бошанд, марҳамат иброз намоед. Нест.

Бо ҳамин Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро пӯшида эълон менамоям.

(*Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).*

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Тоҷикобод**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 9 ва 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Номи маҳалҳои аҳолинишини зерини ноҳияи Тоҷикобод иваз карда шавад:

- деҳаи Мазори Болои деҳоти Лангари Шоҳ ба деҳаи Обшорон;
- деҳаи Мазори Поёни деҳоти Лангари Шоҳ ба деҳаи Оҳангарон.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 399**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи таъсис додани шаҳраки нав дар маркази маъмурии шаҳри Леваканти вилояти Хатлон ва Сарбанд номгузорӣ намудани он**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 9, 14 ва 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Дар маркази маъмурии шаҳри Леваканти вилояти Хатлон шаҳраки нав таъсис дода шуда, Сарбанд номгузорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 400**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Камолзода Р.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Камолзода Раҳматулло бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 16 июни соли 2023, № 401**

Муҳокимаи парламентӣ

# БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ МУҲИТИ ДАСТРАС ЧӢ ГУНА АМАЛӢ МЕШАВАД?

**Понздаҳуми июни соли 2023 бо ташаббуси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ дар мавзӯи «Вазъи иҷрои «Барномаи давлатии муҳити дастрас барои солҳои 2021 - 2025» ва нақшаи чорабиниҳои амалигардонии он» муҳокимаи парламентӣ баргузор гардид.**





Дар он роҳбарияти вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, молия, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, нақлиёт, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Иттиҳодияи миллии маъюбони Тоҷикистон» ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ иброз намуд, ки ҳифзи иҷтимоии шахсони имконияташон маҳдуд яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, пайваста барои дастгирии ин табақаи осебпазири аҳолӣ тадбирҳои судманд андешида мешавад.

Маҳз бо шарофати сиёсати оқилона ва дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсони имконияташон маҳдуд зери ғамхорӣ қарор доранд.

- Пешвои миллат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ғамхорӣ дар ҳаққи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон, шахсони бесаробонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадорон, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини давлат мебошанд.Тавре аз маълумоти оморӣ бармеояд, хароҷоти соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои соли 2023-юм 4 миллиарду 898,6 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба соли 2022-юм 567,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Соли равон барои сохтмону азнавсозии биноҳои маъмурӣ ва таълимӣ барои хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ 17,5 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, маблағгузории он тибқи тартиби муқарраршуда амалӣ шуда истодааст, - иброз намуд Дилрабо Мансурӣ.

То 1 январи соли 2023 дар ҷумҳурӣ 159 ҳазору 146 маъюб ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 32 ҳазору 382 нафарро кӯдакон ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумӣ 12 ҳазор маъюб истифодабарандаи аробача, 9000 - бо мушкилоти шунавоӣ ва суханронӣ, 8000 маъюб бо мушкилоти биноӣ ба қайд гирифта шудааст.

Тавре аз маълумоти Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, соли 2022 зиёда аз 170 бинои истиқоматӣ бо назардошти шахсони имконияташон маҳдуд мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ҳамчунин, бо мақсади таъсиси махзани маълумот барномаи компютерии «Равзана» таҳия гардидааст, ки айни замон маълумот оид ба ҳолати техникии 4103 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна дар он дарҷ гардидаанд. Иқдоми мазкур идома дошта, дар он ҳолати дастрасии дигар иншоот низ ҷой дода мешаванд.

Амалишавии «Барномаи давлатии муҳити дастрас барои солҳои 2021 - 2025» аз 26 банд ва 46 чорабинӣ иборат буда, вазорату идораҳои марбутаро вазифадор менамояд, то барои дастрасии бемамониати маъюбон ба иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ, инчунин, риояи қоидаҳои истифодаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, автомобилии байнишаҳрӣ ва нақлиёти мусофиркаш, тадбирҳои зарурӣ андешанд.

- Дар маҷмӯъ, барои амалишавии барномаи мазкур 15 млн. 342 ҳазору 500 сомонӣ пешбинӣ шудааст. Аз ин 5 млн. 572 ҳазору 500 сомонӣ аз буҷет ва 9 млн. 770 ҳазор аз манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ҷудо гардид.

Тавре маълум аст, то имрӯз якчанд конвенсияҳои СММ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида ва ё Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳамроҳ шудааст.

Зикр гардид, ки барои ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баимзорасонии матни Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон» соли 2018 содир гардид.

- Баъди аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидани Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон барои тасдиқи минбаъда ва амалинамоии муқаррароти он соли 2020 «Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба тасвиб расонидани Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон барои давраи то соли 2024» ва «Барномаи давлатии муҳити дастрас барои солҳои 2021 - 2025» ба тасвиб расидаанд, - гуфт нотиқ.

Вакили Маҷлиси намояндагон Гулбаҳор Ашӯрзода иброз дошт, ки аз 46 номгӯй чорабинӣ 2-то (4,3 фоиз) пурра ба итмом расида, амалигардонии 35 чорабинӣ (76,1 фоиз) идома доранд. Татбиқи 9 чорабинии боқимонда (19,6 фоиз) ҳанӯз оғоз нагардидааст.

- Сарфи назар аз тадбирҳои андешидашуда талаботи қонунгузорӣ дар баъзе маврид иҷро намешавад. Нақлиёти ҷамъиятӣ, ки хизматрасониашон шарти муҳимтарин ба ҳамгироии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, дар бисёр ҳолат ба ниёзҳои маъюбон мутобиқ нест, - иброз намуд Гулбаҳор Ашӯрзода.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Комрон Исмоилиён пешниҳод намуд, ки лифт ва роҳравҳои иншооти баландошёна бо манбаи иловагии таъминоти барқ (панелҳои офтобӣ ва ё таҷҳизоти барқистеҳсолкунанда бо муҳаррики дарунсӯз) таъмин гардида, дар муассисаҳои миёнаю махсуси касбӣ ва марказҳои ҳунармандӣ сохтани таҷҳизоту лавозимот барои тавонбахшии маъюбон ба роҳ монда шуда, бо ҷалби саховатмандон ройгон ба эҳтиёҷмандон дастрас шаванд.

Доир ба масъалаи мазкур муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдухолиқ Амирзода, муовини якуми раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Улуғбек Умарзода, сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Холназар Файзуллозода ва дигарон маърӯза намуданд.

Баъд аз саволу ҷавоб қарор ва тавсияҳои парлумонӣ қабул шуданд.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# МУЛОҚОТ БА ТАВСЕАИ ҲАМКОРӢ МУСОИДАТ МЕКУНАД



**Чордаҳуми июни соли 2023 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода бо ҳайати вакилони Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия таҳти раёсати муовини раиси Кумитаи дифоъ, ҳамоҳангсози гурӯҳи вакилон оид ба робита бо парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон Юрий Швиткин мулоқот намуд.**



Мавзӯи гуфтугӯ ҳамкориҳои дуҷониба, хоса равобити парлумонӣ, буд. Зикр гардид, ки боздиди вакилон аз мамлакатҳои якдигар барои густариш ёфтани ҳамкорӣ дар тамоми арсаҳо заминаҳои мусоидро фароҳам овард.

- Боварӣ дорем, ки ин мулоқот барои тавсеаи ҳамкориҳои байнипарлумонӣ миёни кишварҳои мо мусоидат мекунад, - гуфт Саидмурод Фаттоҳзода.

Юрий Швиткин изҳор намуд, ки ҳамеша хостори устувории беш аз пеши муносибот бо парлумони Тоҷикистон буда, умед аст, ки сафари мазкур ба ин раванд такони ҷиддӣ мебахшад.

Дар мулоқот, ҳамчунин, аъзои Гурӯҳи дӯстии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия иштирок намуданд.

Ҳамон рӯз бо ҳайати зикршуда раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ низ мулоқот намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ВАТАНДӮСТӢ ТАНҲО МАСЪУЛИЯТ НЕСТ

**Дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани шаҳрвандон аз масъалаҳое ҳаст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали Роҳбари давлат интихоб шуданашон таъкид менамоянд. Маҳз чунин инсон мафҳумҳои миллат ва давлати миллиро дарк намуда, ба он ҳамчун унсури муқаддас муносибат менамояд. Неку бади таърихи пурифтихори миллиро меомӯзад ва аз он сабақ мегирад. Аз мансубият ба миллати бошарафи тоҷик ифтихор мекунад ва ҳамчун шаҳрванд Ватани маҳбуб – Тоҷикистони соҳибистиқлолро азизу гиромӣ медорад. Инсонҳое, ки худшиносу худогоҳ нестанд, ба қишри осебпазири аҳолӣ дохил мешаванд. Дар шароити пуртазоди ҷаҳони имрӯз, ки гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ дар талоши «шикор» - и гумроҳонанд, ба таҳдиди воқеии манфиатҳои миллату давлат табдил ёфтанашон имконпазир аст.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлолро «неруи созандаи Ватан» муаррифӣ намуда, нақши онҳоро дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд арзёбӣ карданд. Зикр намуданд, ки «Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд». Ба чунин баҳои баланди Сарвари давлат сазовор шудани ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол, бешак натиҷаи заҳмату талошҳои ин қишри бедор, огоҳ ва заҳматкаши ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як ҷавони худогоҳу худшиносро мебояд барои ободиву осудагии Ватан кӯшиши даҳчанд намояд, то Роҳбари мамлакат ба соҳибониояндаи давлату миллат бовару эътимоди бештар дошта бошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин таъкид карданд: «Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин аз қабул гардидани «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2027» ёдовар шуда, ба Кумитаи ҷавонон ва варзиш якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дастур доданд, ки барои қабули барномаҳои маҳаллии кор бо ҷавонон тадбирҳои амалӣ андешида шаванд.

Масъалаи дигаре, ки Роҳбари мамлакат пайваста нигаронӣ менамоянд, шомил шудани ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ба гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ мебошад. Дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии мамлакат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтанд: «Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд».

Пешвои миллат пешниҳод карданд, ки барои пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад ва ба Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ супориш доданд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо масъалаи таъсиси маркази зикршударо омӯхта, пешниҳодҳоро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Роҳбари мамлакат дастур доданд, ки мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад.

Агар солҳои пеш чунин амалҳо масъалаи ахлоқӣ ба ҳисоб мерафт, ҳоло тавассути қонун низ танзим мешавад. Яке аз чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки 24-уми декабри соли 2022 мавриди амал қарор гирифт, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» мебошад. Қонуни мазкур аз тарафи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ пешниҳод шуда, таҳия, қабул, ҷонибдорӣ ва мавриди амал қарор гирифтанаш дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир саривақтист.

Дар баробари ваколату салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ дар самти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, инчунин худи шаҳрвандон, қишрҳои гуногуни ҷомеа ва оиларо масъул кардааст. Мувофиқи банди 3-и моддаи 11 сохтори низоми тарбияи ватандӯстӣ аз ташкилоте, ки тарбияи ватандӯстиро амалӣ менамоянд, кормандони (мутахассисон) омӯзгорӣ, шаҳрвандон, аз ҷумла шаҳрвандони ноболиғ ва волидайни (намояндагони қонунии) онҳо, мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигари амаликунандаи тарбияи ватандӯстӣ, мақомоти маслиҳатию машваратӣ ва мақомоти дигаре, ки онҳо созмон додаанд, ташкилотҳое, ки таъмини тарбияи ватандӯстӣ ва арзёбии сифати тарбияи ватандӯстиро амалӣ менамоянд ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ амалӣ менамоянд, иборат аст.

Дар банди 4-уми моддаи мазкур таъкид шудааст, ки «оила ҳамчун зинаи ибтидоӣ дар низоми тарбияи ватандӯстӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад».

Хулоса ин аст, ки дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврас на танҳо масъулият, балки вазифаи шаҳрвандии мост.

**Фирдавс МАҲМАДМУРОДЗОДА,**
**котиби маҷлиси судии Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ШИОР НЕ, ШУУР БОЯД БОШАД

**Амиршо МИРАЛИЕВ,**
**Ходими давлативу ҷамъиятӣ**

**Бисту шаш сол қабл, бисту ҳафтуми июни соли 1997, баъд аз музокироти тӯлонӣ бо кӯшишу талош ва ҷонфидоии Абармарди дунёи сиёсат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳуҷҷати таърихӣ - Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расида, ваҳдату ҳамдигарфаҳмии миллӣ ҳамчун омили асосии наҷоти миллат ва давлат эълон гардид. Ин ҷашн пурмоҳият аст. Ҷашни ба ҳам омаданҳо. Ҷашни бастани паймону ба ҳам бовар карданҳо. Ҷашни бахшиши гуноҳҳо ва қатъи хунрезӣ. Ҷашне, ки ба душмании падару писар ва қотилии бародар бо бародар хотима дод. Ҷашни эҳёи хиради миллат.**



Бегуфтугӯ, ин санади муҳим дар таърихи навини халқамон аз ҷумлаи асноди сарнавиштсоз ба ҳисоб меравад, зеро маҳз ҳамин санади таърихӣ ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшида, барои оғози рушди давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳаёти орому осудаи мардуми он шароити мусоид фароҳам овард.

Аз ин баъд адоват ҷои худро ба муҳаббат дод ва рафоқат ҷойгузини хусумат гардид. Ба ҷойи бӯйи бади борут накҳати гулу райҳон ба машом расид ва ба ҷойи садои ваҳшатноки тиру тӯп, овози хуши мутрибу муғаннӣ гӯшҳоро навозиш кард. Бародарони ҳамхун, ки то он рӯз дар муқобили якдигар сангар гирифта буданд, ба оғӯши ҳам омада, дар ҷабҳаи муштарак-дифоъ аз марзу бум ва иззату номусу шарафи миллат сангар гирифтанд. Муҳимтар аз ҳама ин раванд дигар ба ақиб барнагашт ва инак, сол то сол дарахти ваҳдати тоҷикон решадор ва паймони ҳамдиливу бародарӣ миёни онҳо мустаҳкамтар мегардад.

Албатта, ин ҳама дастовард, ки мо дар чанд калом хулоса кардем, ба осонӣ ҳосил нашудааст. Он натиҷаи ранҷу машаққатҳо, азхудгузаштанҳо, шабзиндадориҳо буда, месазад аз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ин шоҳкорӣ сипосгузор бошем.

Қобили зикр аст, ки дар ин раванд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама, ба ақлу заковати азалии мардум такя карданд, зеро табиати миллати тоҷик аз сифатҳои дӯстиву рафоқат, ватанпарастиву садоқат ва дӯстдории фарҳангу маърифат сиришта шудааст ва ҳамин фазилатҳо дар он айёми тақдирсоз нақши барҷаста бозиданд. Мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дар ёд доранд, ки он замон меъёрҳои конститутсионӣ ва дигар қонунҳои амалкунанда поймол гардида, ҷинояткориву зӯроварӣ ва қонуншиканӣ ба як рафтори муқаррарӣ табдил ёфта буд.

Дар чунин шароит роҳбарияти давлат бо эҳсоси масъулияти баланд барои ояндаи Ватан ва халқи Тоҷикистон дар назди худ вазифа гузошт, ки бо истифода аз тамоми роҳу воситаҳои имконпазир ҳар чӣ зудтар фазои сулҳу оромӣ ва амнияти миллиро дар саросари мамлакат таъмин созад. Хусусияти аз ҳама муҳиму асосӣ он аст, ки мо тавонистем дар як давраи хеле кӯтоҳ сулҳро ба даст орем. Ҳарчанд он душвор ва ба андешаи баъзе тангназарон амре буд иҷроношуданӣ. Хушбахтона ин нияти нек амалӣ шуд.

Аз шиносоӣ бо масъалаҳои мавриди баррасӣ қарордоштаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум маълум мегардад, ки хишти аввалро дар эъмори бинои сулҳу ваҳдати миллӣ маҳз Сарвари тозаинтихоби давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузоштаанд. Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз ҷаласаҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин изҳор намуданд: «Мавзӯи асосии ҳамаи масъалаҳои Шӯрои Олӣ андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ мебошад». Ин фарзанди фарзонаи миллат аз рӯзҳои нахустини Сарвари давлат интихоб гаштан барои татбиқи ин маром, яъне ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятиву сиёсӣ, кӯшиши зиёд намуданд.

Баргардонидани гурезаҳо ба Ватан аз вазифаҳои муҳим буд, ки дар он вазъияти мураккаб бояд амалӣ мешуд.

Саъю кӯшиши роҳбарияти давлат дар роҳи ба эътидол овардани вазъи ҷомеа нек амалӣ шуданд. Нахустин фирориён аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба Ватан баргаштанд. Роҳбари мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар истгоҳи роҳи оҳани Хушодии ноҳияи Шаҳритус 2-юми сентябри соли 1994 онҳоро истиқбол гирифтанд. Ҳодисаҳои охири ҷаҳони муосир бори дигар собит намуданд, ки баргардонидани беш аз 1 млн. гуреза ва муҳоҷирони иҷборӣ, таъмини онҳо бо ҷои зист кори осон нест. Қобилияти бахшида тавонистан яке аз фазилатҳои дигари Пешвои миллат мебошад. Хеле кам воқеъ мешавад, ки Роҳбари давлат ҳатто гуноҳи онҳоеро, ки душмани сохти конститутсионӣ буданд, бахшад. Ҳамватанонамон шоҳиданд, ки барои авфи гуноҳи шахсоне, ки ҷиноят содир карда, зиндонӣ шуданд, даҳҳо қонуни авфро ба имзо расониданд.

Кору пайкори номбурда, аз ҷумла ибтикори беназир дар мавриди баргардонидани гурезаҳо, ба таҳкими истиқлолияти давлатӣ таҳрик бахшида, кишварро аз ҳолати беҳокимиятӣ, номуайянӣ баровард. Ҳарчанд ки ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ раванди бисёр вазнину сангин ва тӯлониву пурмашаққат буд, хушбахтона, имрӯз бо ҷаҳду талоши муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо-халқи Тоҷикистон дар роҳи эъмори давлати муосири демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ комёбем.

Дар ҷодаи сулҳу ваҳдат қавлу амали Сарвари давлат як буд. Дар шароити душвор ба минтақаҳое сафар карданд, ки муқовиматҳои мусаллаҳона идома доштанд. Муҳтавои асосии ин мулоқот сулҳу ваҳдат буд. Ба мардум мурочиат намуданд, ки мо бояд дар атрофи як ҳадафи сарнавиштсоз - бунёд кардани давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва ба ин васила, ба даст овардани ваҳдати миллӣ муттаҳид шавем.

Хуб дар хотир дорам, ки дар Иҷлосияи XX Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум (7-уми сентябри соли 1994) иброз намуданд: «Шояд ду сол ба меҳнати сахт, ба шиками нимгурусна, бо тани нимбараҳна тан диҳем, зеро моро ба ин ҳол бегонагон не, худамон овардем. Ман ба дили реш - реш ба либосу пойафзоли фарсудаи деҳқонони Ёвон, Исфараю Ӯротеппа менигаристам, ман намедонистам, чӣ кор кунам, вақте ки мактаббачаҳои Шаҳритусу Қӯрғонтеппаро пойлучу нимбараҳна медидам. Онҳо ба ҷойи мактаб то ба имрӯз дар зери дарахтон хонда истодаанд».

Бо неруҳои мухолиф гуфтушунидҳо идома доштанд. Осон набуд ин гуфтушунид ва суҳбату мулоқот. Аммо бо маслиҳат ва пешниҳоди Сарвари давлат он идома меёфту ҳар гуфтушунид якдигарро бо ҳам наздик мекард. Бо кӯшиши зиёд роҳ ба сӯйи сулҳу ваҳдат кушода мешуд. Ба Хостдеҳи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сафар кардани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (10 - 11-уми декабри соли 1996) қадами қатъӣ ва устуворе дар ҷодаи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон буд. Он рӯзҳо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон гирифтори ҷанги шадиди дохилӣ буд. Дар Тоҷикистон низ садои тиру туфанг гӯшҳоро мехарошид ва дилҳоро тазйиқ медод. Касе маслиҳат намедод, ки дар чунин шароити номусоид Роҳбари давлат ба ин гуфтушунид озим шавад. Кормандони амният муқобили сафари ӯ ақида изҳор карданд. Вале Президенти ташнаи сулҳ аз раъйи ҷиддии хеш барнагашта, посух доданд: «Ҷони худамро қурбон мекунаму аз роҳ барнамегардам!...». Воқеан ҳам, роҳ душвор, пур аз хатар ва ноҳамвор буд. Аммо ирода ва мавқеи Президент дар ин ҷода қавию устувортар буд. Сулҳу ваҳдати миллӣ бо чунин заҳмат ва талошҳо насиби мо гаштааст.

Умуман, то рӯзи имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ҳашт даври музокирот, ки қариб чор сол идома ёфт, бо намояндагони собиқ мухолифин бисту як вохӯрии расмӣ ва даҳҳо мулоқоти ғайрирасмӣ доир гардид. Қобили зикр аст, ки маҳз дар вохӯриҳое, ки бо иштироки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир шуданд, қарорҳои муҳиму ниҳоӣ қабул шуданд.

Бахусус барои ба имзо расидани созишномаи мазкур вохӯрии иштирокчиёни музокирот, ки моҳи декабри соли 1996 дар Хостдеҳи вилояти Толиқони Афғонистон баргузор шуд, заминаи воқеӣ гузошт. Тавре шоҳидони ҳол гуфтанд, суҳбат хеле одӣ ва хоксорона ҷараён дошт. Бо сарулибоси пур аз чанг рӯйи кӯрпача нишаста, пиёлаи чойи сард дар даст муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суҳбат доштанд, ором, ботамкин, қотеъонаву боварибахш. Маҳз дар он ҷо дар дили ҳама шуълаи умед бедор шуд, ки ояндаи ин музокирот бо ҳама ихтилофу нофаҳмиҳояш сулҳу ваҳдат аст. Баробари бозгашт аз Хостдеҳ ба Душанбе Сардори давлат бегоҳии рӯзи 11-уми декабри соли 1996 супориш доданд, ки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сулҳ» омода шавад. Ҳамон шаби 11-ум ба 12-уми декабри соли 1996, соати $23^{30}$ дақиқа фармони мазкур аз тариқи телевизион пахш шуд. Дар Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 декабри соли 1996 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ин фармонро бори дигар ба самъи иштирокдорон расонданд.

Месазад аз иқдоми дигар – таъсиси Комиссияи оштии миллӣ ёдовар шавем. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таъсиси Комиссияи оштии миллӣ» ва аъзои ном ба номи он 4 июли соли 1997 имзо шуд. Хусусияти Комиссияи оштии миллӣ аз он иборат буд, ки қарорҳои он тавассути салоҳияти Президент ва Парлумони ҷумҳурӣ амалӣ мешуд. Бо ин тарзи фаъолияти якҷоя ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид шуданд. Ин механизм, яъне Комиссияи оштии миллӣ, Президент ва Парлумон сохтори пурсамар, мувофиқ ва дуруст дар давраи гузариш дониста шуд. Комиссияи оштии миллӣ 998 рӯз фаъолият кард ва дар хусуси қатъ гаштани фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ 31-уми марти соли 2000 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шуд.

Рӯйдодҳои муҳиму сарнавиштсоз назокатҳои хос доранд, ки бо мурури солҳо рӯзафзун шудани моҳияташон аз ҳамон ҷумла аст. Ҳоло бо таҳлили ҳаводиси онвақтаву кунунӣ ва қиёс намудани ҳаводиси ҷаҳони муосир бояд амиқ андешем, ки агар ҷонфидоиҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намебуданд, имрӯз мо чӣ рӯзгоре медоштем?

Эътироф бояд кард, ки ҷанги бародаркушро душманон дар хориҷ ба хотири дастёбӣ ба аҳдофи нопокашон тарҳрезӣ ва таҳмил карда буданд, аммо миллати мо бо каме таъхир бошад ҳам, исбот кард, ки қудрати дарки масъаларо дорад ва тақдирашро бо дасти худ навишта метавонад. Дар асри XXI, ки аксар кишварҳои даргир аз ноорамиҳои дохилӣ борҳо сулҳ баставу зиёд аҳд шикастаанд, сулҳи тоҷикон бо пойдориаш беҳтарин таҷриба ва арзишмандтарин дастоварди на танҳо тоҷикон, балки ҷомеаи башарӣ эътироф шудааст.

Мутаассифона, ҳастанд нотавонбиноне, ки моҳияти ин ваҳдати миллиро таҳриф намуда, мехоҳанд бори дигар мардумро гумроҳ созанд. Ин афрод чизи аз ҳама муҳимро нодида мегиранд, ки ҳадафи аслии сулҳ фаротар аз чизе онон мепиндоранд, мебошад. Шоҳид ҳастем, ки ҳоло ҳам нотавонбинон кӯшиши зери суол қарор додани ваҳдати моро доштанду доранд. Аммо ҳақиқат ин аст, ки мардуми ба ваҳдатрасида ин суботу осудагии Ватанро болотар аз ҳама манфиатҳо гузошта, онро ба ягон арзиши дунёӣ иваз намекунанд, зеро барои ин зумра инсонҳо барҳақ ваҳдат ин суботи ҷомеа, сарҷамъии мардум ва амнияти сарзамини аҷдодист.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он хотир дар истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ ҷонфидоӣ карданд, ки модарон осуда фарзандонашонро бузург кунанду ба онҳо итминон бахшанд, ки ин сарзамин чун модар барояшон муқаддас аст. Дар айёми бениҳоят ҳассос тамоми ҷаҳду талошҳои ин шахсияти ваҳдатофар ба он равона шуда буд, ки қатли бародар бо дасти бародар хотима ёбад. Ибтикор барои комёб шудан дар ин самт на танҳо ба хотири раҳоӣ аз гушнагиву қашшоқӣ, балки обод сохтани вайронаҳои ҷанг, малҳам шудан ба реши дили модарони фарзандшаҳид буду ҳаст. Ваҳдат ин на танҳо хони пурнон, ҳамчунин осудагии виҷдон ва пойдории имон аст. Ваҳдат кафолат ва замина аст, ки мо ба фардои худу насли оянда эътимод дорем.

Барои расидан ба он Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузаштҳои зиёде кардаанд. Роҳе, ки ба ваҳдат мерасонад, азхудгузаштанҳо, қурбонии мансабу қудрат ва ҳатто фидои ҷонро металабид. Пешвои миллат ба сари баланд ин роҳро тай карданд.

Ваҳдати миллӣ моҳиятан кохи беғазанд аст, ки ба шарофати ҷасорату садоқат ва завқу салиқаи меъмори он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эъмор гардидааст. Ягон нафаре ё гурӯҳи алоҳидае ҳуқуқи онро надорад, ки ба он сояи шубҳа андозад. Баръакс, ҳар инсони худогоҳро мебояд барои пойдории сулҳу ваҳдат, ки ҷумлаи комёбию муваффақиятҳои мо дар пояи он қарор дорад, эҳсоси масъулият дошта бошад, зеро ҳамин Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон буд, ки миллати моро аз шармандагии бародаркушӣ наҷот дода, ҷомеаро сӯйи ободонию пирӯзиҳо роҳнамо аст.

Бегуфтугӯ, ҳар нафаре, ки барои давлату миллат хизмат кардааст, масъулияти давлату миллатро дар қадршиносии худ пайдо менамояд. Ин қадршиносӣ аз эътирофи ғалабаи некӣ ба бадӣ дар кори ватандории мост, аз оғози сулҳ ва ваҳдати миллии мардуми кишвар, аз таҳкими низоми идорӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва аз оғози роҳи таърихии давлат ба сӯи давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва эътирофи сиёсӣ ва ҳуқуқии давлати Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Дар шароити имрӯза, ба мо, пеш аз ҳама, зарур аст, ки моҳият ва мафҳуми ваҳдати миллиро ҳамчун инъикосу ифодаи ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамзистии тамоми шаҳрвандон, наслҳо ва ақидаҳо дар сатҳи кишвар муаррифӣ намоем. Чунин таҳаввули мафҳум ваҳдати миллиро фарогиру устувор мегардонад ва имкон медиҳад, ки он ба ҳайси як унсури муҳимтарини худшиносии миллӣ дар байни ҷомеа ҳар чӣ бештар густариш пайдо намояд. Зарур аст, ки мардуми мо ва алалхусус насли ҷавони кишвар, андешаи сулҳу ваҳдатро ҳамчун ҷузъи муҳимтарину ҷудоинопазири фарҳанг ва ҳувияти миллӣ қабул намоянд ва ба хотири таҳкими ҳар чӣ бештари он саъю талош варзанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ пешниҳод гардид, муҳиму саривақтӣ ба ҳисоб рафта, бояд дастури рӯимизӣ ва сармашқи кор бошад.

Лозим ба ёдоварист, ки қонуни мазкур ҳадаф, принсипҳо ва самтҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии онро муқаррар карда, муносибатҳои вобаста ба ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, таъмин ва танзими фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон муайян менамояд.

Ғояи ваҳдати миллӣ дар як марҳилаи муҳими таърихӣ ҳамчун омили муттаҳидкунандаи ҷомеаи мо хизмати бузургу арзандаро анҷом дод. Акнун замони он фаро расидааст, ки консепсияи ваҳдати миллӣ ҳамчун қисми таркибиву тавонбахши андешаи миллӣ таҳкиму тақвият бахшида шавад ва ҳар як шаҳрванди худогоҳу худшиноси кишвар бояд ба қадри ин неъмати муттаҳидсози ҷомеа расад ва онро гиромӣ дорад. Бори дигар таъкид месозам, ки ҳар як сокини кишвар, сарфи назар аз мансубияти милливу динӣ ва ақидаи сиёсии худ, бояд дарк намояд, ки ҳам рушди ҷомеа ва ҳам умеду орзуи ӯ фақат дар сурати пойдории сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ амалӣ шуда метавонад.

Мо шоҳиди ҳаводиси Сурия, Ироқ, Либия, Яман, Миср, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва баъзе кишварҳои дигар ҳастем. Ин ҳодисаҳо ҳар яки моро водор месозанд ба хотир орем, ки чунин рӯзҳои ниҳоят сахту сангин ба сари мо ва сарзамини мо низ омада буданд. Ҳоло ифротгароӣ ё худ экстремизми динӣ беш аз пеш хусусияти фаромиллӣ ва глобалӣ касб мекунад. Ин зуҳуроти хатарнок дар минтақаву кишварҳои гуногуни ҷаҳон доман паҳн карда, ҳамчун вабои аср ба амнияти минтақаву давлатҳои алоҳида ва умуман ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдиди воқеӣ ба вуҷуд овардааст.Дар ин раванд, яке аз масъалаҳои муҳиму арзишманд аз он иборат аст, ки мо бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошем, ба ҳар гуна дасисаву фиреби доираҳои манфиатхоҳи бегона фирефта нагардем, мардумро муттаҳид ва суботи сиёсиро боз ҳам устувор гардонем.

Ҷавонони кишвар бояд бо эҳсоси амиқи ватандӯстӣ ва масъулиятшиносӣ ба давлату Ватани хеш содиқ бошанд, зарари бегонапарастӣ ва фиребу найранги созмонҳои террористиву ифротгаро, бахусус амалҳои фоҷиабори онҳоро, ки зери номи муборaки ислом анҷом дода мешаванд, дарк намоянд. Муҳимтар аз ҳама, дарку арҷгузорӣ намоем, ки ваҳдати миллӣ на шиор, балки шуур аст. Дар тӯли таърих ягон халқу миллат хиёнат ба Ватан - Модар, давлат ва мардумро набахшидааст ва намебахшад. Хусусан, мардуми шарифи Тоҷикистон рафтори хиёнаткоронаи баъзе гурӯҳҳову шахсонеро, ки ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта Ватани аҷдодии моро ба хоку хун кашиданд ва кишвари тозаистиқлоли моро ба коми оташ тела доданд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд.Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки Пешвои миллат бо иқдомҳои то ба ҳол татбиқгардида иктифо накарда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва дар навбати аввал беҳтар намудани шароити соҳаҳои маорифу тандурустӣ, бо шуғли доимӣ фаро гирифтани аҳолӣ ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва рушду тараққиёти Ватани азизамон талошҳои ҷиддии худро идома дода истодаанд.

Бамаврид аст ёдовар шавем, ки дар ин марҳила Пешвои миллат бо ҷасорати хос ва беназир, бо вуҷуди фузун будани садду камбудиҳо расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқавории кишвар ва саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафҳои стратегӣ эълон намуданд. Муболиға нахоҳад буд, агар гӯем, ки дастовардҳои минбаъда аз ин ибтикор маншаъ гирифтаанд. Ба ибораи дигар, ҳадафҳои стратегии эълоннамудаи Президент барои ҳалли душвортарин проблемаҳои ҳаёти халқамон нақши бориз гузоштанд.

Дар робита ба ин овардани чанд далелро бамаврид медонам: Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт. Дар натиҷа, сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шуд. Дар ин давра беш аз 900 ҳазор, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 ҳазор, ҷои кории нав таъсис дода шуд, ки ба беҳтар гардидани вазъи шуғли аҳолӣ дар кишвар мусоидат намуд.

Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,1 миллиард сомонии соли 2018 то 14,7 миллиард сомонӣ дар соли 2022 ё 62 фоиз зиёд гардид. Дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард.Бамаврид аст ёдовар шавем, ки дар 31 соли истиқлолияти давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Ҳол он ки дар 70 соли замони гузашта ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд.Инчунин, агар то соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 2862 муассисаву иншооти тандурустӣ бо 52 ҳазору 800 нафар корманд фаъолият дошта бошад, пас дар 25 соли охир 2827 муассисаву иншооти тандурустӣ сохта шудааст.

Умуман, агар соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷои корӣ фаъолият дошта бошад, пас дар замони соҳибистиқлолӣ 2500 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардид.

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар панҷ соли охир дар соҳаи нақлиёт 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 5 миллиарду 130 миллион сомонӣ амалӣ гардида, дар натиҷа 250 километр роҳҳои мошингард, 42 пул, 4 долон ва якчанд эстакада эъмор шуданд.

Ҳар як миллат ва давлат ба андеша, мафкура ё худ ғояи умумимиллӣ ниёз дорад, то он қутбнамое барои пешрафту тараққиёти минбаъда бошад.

Вобаста ба ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъкид карданд: «Ғояи сиёсиву мафкуравии мо ваҳдат, ягонагӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, таҳкими давлатдорӣ ва ободонии Ватани азизамон мебошад».

Маҳз дар ҳамин замина миллати шарафманди тоҷик бори дигар ба ҷаҳониён собит намуд, ки дар ҳақиқат яке аз миллатҳои соҳибмаърифату мутамаддин ва хирадпешаву сулҳдӯст мебошад ва қодир аст, ки дар марҳалаҳои таърихиву тақдирсоз роҳи ҳалли осоиштаи мушкилоти бамиёномадаро пайдо намояд.

# ИСТИФОДАИ «СИЁСАТИ ДУГОНА» НИСБАТ БА ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ ҶОИЗ НЕСТ

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА,**
**корманди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**



**Гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ аксаран ноболиғон ва ҷавононро, ки нисбатан осебпазиранд, ба худ ҷалб менамоянд. Сабабу омилҳои асосии ба ин гурӯҳҳо шомилшавии шаҳрвандон, хусусан ноболиғон ва ҷавонон, ин истифодаи алоқаи барқӣ, интернет, аз ҷумла расонаҳои электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, мебошад. Ташкилотҳои террористиву экстремистӣ бо истифода аз онҳо ноболиғон ва ҷавононро ба ҷиҳод ва барҳам додани асосҳои сохтори конститутсионии давлатҳои мухталиф даъват менамоянд.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 изҳор доштанд: «Имрӯз шабакаҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла интернет, аз ҷониби шахсон ва гурӯҳҳои алоҳидаи ҷиноятпеша бо мақсади ҷиноятҳои киберӣ, яъне барои паҳн намудани ғояҳои ифротгароёнаву тундравона, бахусус дар байни ҷавонон ва ноболиғон, ба таври васеъ истифода мегарданд.

Вобаста ба ин, ҳамаи мақомоти давлатӣ вазифадоранд, ки дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ дар ҷомеа, алалхусус дар байни наврасону ҷавонон, бо дарназардошти воқеияти имрӯза, аз ҷумла пешгирӣ кардани таъсири манфии ҷаҳонишавии фарҳангӣ ва дар ин раванд таъмин намудани амнияти иттилоотӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд».

Илова бар ин, Президенти кишвар дар Паёмашон соли 2016 чунин таъкид намуданд: «Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст.

Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Истифодаи «сиёсати дугона» нисбат ба терроризм ва экстремизм самаранокии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар муборизаи муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан коҳиш дода, баръакс, мухолифатҳои наверо байни эътилофҳои ҳарбиву сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳонро боз ҳам ноором месозад».

Сардори давлат лозим шумориданд, ки: «Дар доираи тақвияти мубориза бо терроризм ва экстремизм бояд номгӯи субъектҳои бо онҳо муборизабаранда васеъ ва дақиқ гардонида, дар баробари ин ҷавобгарӣ ва ҷазо барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ҷиноятҳои хусусияти террористиву экстремистидошта ва хиёнат ба Ватан, шарикӣ дар чунин ҷиноятҳо, аз ҷумла нисбат ба ташкилкунандагон ва шахсони ба онҳо мусоидаткунанда, пурзӯр карда шавад».

Дар робита ба ин, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои адлия ва корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Маркази миллии қонунгузориро мувazзаф сохтанд, ки муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои дигари дахлдорро доир ба ин масъалаҳо ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, дар хусуси ворид кардани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба онҳо ба Ҳукумати кишвар хулосаҳои мушаххас манзур созанд. Ҳамчунин, ба Прокуратураи генералӣ супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ҳар чӣ зудтар «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020»-ро таҳия ва пешниҳод намояд. Барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани муқовимат ба истифодаи шабакаи интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Прокуратураи генералӣ ва дигар мақомоти марбута мувазза шуданд, ки доир ба масъалаи таъсиси маркази мубориза бар зидди ҷиноятҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва кибертерроризм ба Ҳукумати кишвар пешниҳоди асоснок манзур созанд.

Бо мақсади пешгирӣ намудан ва коҳиш додани ҷинояткорӣ, пурзӯр кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат, шахсоне, ки ба терроризм ва экстремизм мусоидат менамоянд, инчунин, ҷорӣ кардани механизми босамари ҳифз ва таъмини амнияти миллӣ, пешгирӣ кардани пайвастшавии шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ба моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид шуданд.

Инчунин, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми ноябри соли 2016 таҳти №776 «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» тасдиқ гардид. Стратегия ҳамчун санади хусусияти барномавидошта мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян мекунад. Ҳамзамон, дар сохтори дастгоҳи марказии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикӣ таъсис дода шуд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018 такмили қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба экстремизм таъкид шуда, дар ин самт Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ вазифадор шуданд, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати адлия барои такмили заминаҳои ҳуқуқии пешгирӣ кардани экстремизм ва таҳияи тарзу усулҳои муосири муқовимат ба ин зуҳурот лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм»-ро таҳия ва ба Ҳукумати кишвар пешниҳод созанд.

Қонуни зикршуда қабул ва ҷонибдорӣ ва 2-юми январи соли 2020 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардид. Қонуни мазкур аз 6 боб ва 30 модда иборат буда, асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии муқовимат ба экстремизмро бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Дар ин қонун мафҳуми «экстремизм» ба тариқи зайл шарҳ дода шудааст: «Экстремизм - ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст».

(Давомаш дар саҳ. 6)

(Идома аз саҳ. 5)

Ҳамчунин, дар қонуни зикргардида бори аввал мафҳуми ҳуқуқвайронкунии маъмурии хусусияти экстремистидошта муқаррар гардид, ки тибқи он кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳкорона, ки дар асоси хусуматҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, мафкуравӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) содир шуда, барои он тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст, ҳуқуқвайронкунии маъмурии хусусияти экстремистидошта эътироф мегардад.

Дар алоқамандӣ ба ин иқдом ва дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 28-уми декабри соли 2017 зимни вохӯрӣ бо кормандони мақомоти амнияти миллӣ баён гардид, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабулу ҷонибдорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шуданд.

Дар Паёми соли 2019 доир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», ки ҳанӯз 16-уми ноябри соли 1999 қабул шуда буд, хотирнишон гардида, вобаста ба талаботи замон масъалаи дар таҳрири нав таҳия намудани он таъкид шуд. Роҷеъ ба ин масъала, вазоратҳои адлия ва корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Прокуратураи генералӣ муваззаф гардиданд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»-ро дар таҳрири нав таҳия намуда, ба Ҳукумати кишвар манзур созанд.

Санади меъёрии ҳуқуқии мазкур низ қабулу ҷонибдорӣ гардида, 23-юми декабри соли 2021 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шуд. Қонуни мазкур аз 12 боб ва 46 модда иборат буда, принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирии терроризм ва мубориза ба он, роҳу усулҳои бартараф намудани оқибатҳои амали террористиро бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷамъият ва давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» мафҳуми «терроризм» ба таври зерин маънидод гардидааст: «Терроризм - мафкураи зӯроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад».

Дар ин қонун ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 179 (Терроризм), 179[1] (Ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо),

# ИСТИФОДАИ «СИЁСАТИ ДУГОНА» НИСБАТ БА ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ ҶОИЗ НЕСТ

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба кодекси зикршуда моддаи нав - 462[1] (Барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ)) илова гардид ва дар асоси он ҳаракатҳое, ки барои барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ), паст задани шаъну эътибори нажодӣ, миллӣ, динӣ (мазҳабӣ) ё маҳал, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубият ба нажод, миллат ё маҳал равона шудаанд, агар ин кирдорҳо ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет, содир шуда бошанд, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, барои ин гуна ҳаракатҳо ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ шабонарӯз таъин мешавад.

Тавре вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашӯриён зимни баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 14-уми октябри соли 2020 дар ҷаласаи Иҷлосияи Маҷлиси намояндагон даъвати шашум иброз намуд: «Дар амалия ҳолатҳое ҷой доранд, ки шахс барои баён кардани суханҳои ноҷо, ки метавонад боиси барангехтани адовати миллӣ, динӣ ё мазҳабӣ гардад, бо моддаи 189 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дар бисёр маврид шахсе, ки ба чунин кирдор даст мезанад, бинобар надоштани дарки дуруст оқибати ҳуқуқии амали худро пешбинӣ намекунад ва дар натиҷа, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Ҷорӣ намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои бори аввал содир намудани ин гуна кирдор боиси огоҳсозии шаҳрвандон аз оқибатҳои ҳуқуқии чунин кирдорҳо ва пешгирии экстремизм мегардад».

Ворид гардидани иловаи дахлдор ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ буда, дар баробари пешгирии кирдорҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳамчунин хусусияти тарбиявӣ дошта, ба шахси гумроҳ ва хатокор имкон фароҳам месозад, ки хатои худро ислоҳ намуда, ба ҳаёти осуда баргардад ва ба қадри озодӣ бирасад.

Ҳамчунин, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном ва қисми 1 моддаи 189 Кодекси амалкунанда дар таҳрири нав ифода гардид. Мувофиқи он ҳаракатҳое, ки барои барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ), паст задани шаъну эътибори нажодӣ, миллӣ, динӣ (мазҳабӣ) ё маҳал, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубият ба нажод, миллат ё маҳал равона шудаанд, агар ин кирдорҳо ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет, дар давоми соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои чунин ҳуқуқвайронкуниҳо содир шуда бошанд, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.

Бояд иброз намуд, ки мақсад аз ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ё маъмурӣ кашидани шахс, ин дар назди қонун ҷавоб додан барои кирдорҳои содирнамудааш ва ислоҳи ӯ, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноятҳо ва ё ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии нав чӣ аз тарафи ӯ ва чӣ аз ҷониби афроди дигар, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ахлоқи ҷомеа, саломатии аҳолӣ, муҳити зист, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ иборат мебошад. Ба он назарам, ки:

**Назди қонун касе сар хам кард,**
**Хештанро раҳо зи ҳар ғам кард.**

179[2] (Маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта), 179[3] (Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ), 181 (Ғасби гаравгон), 182 (Ғасби бино, иншоот, воситаҳои иттилоот ва алоқа), 184 (Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасби ҳавопаймо, киштӣ ё қатораи роҳи оҳан), 184[1] (Ғасб, вайрон кардан, содир намудани амалҳои зӯроварӣ дар платформаи стасионарии воқеи шелфи континенталӣ), 184[2] (Кирдорҳои қасдона ба муқобили бехатарии ҳавопаймо ё киштӣ), 184[3] (Ҳаракатҳои қасдона ба муқобили бехатарии фурудгоҳҳое, ки ба авиатсияи гражданӣ хизмат мерасонанд), 184[4] (Интиқоли ғайриқонунии шахси содирнамудаи ҷинояти хусусияти террористидошта дар нақлиёт), 185 (Ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ), 193 (Муносибати ғайриқонунӣ бо маводи радиоактивӣ), 194 (Тасарруфи маводи радиоактивӣ), 194[1] (Истифодабарии ғайриқонунии мавод, воситаи радиоактивӣ ё объекти ядроӣ), 194[2] (Ҳаракатҳои қасдона ба муқобили бехатарии дастгоҳи ядроӣ) 194[3] (Ғайриқонунӣ тайёр кардани воситаи таркандаи ядроӣ ё воситаи афканандаи радиатсия), 194[4] (Ҳамлу нақли ғайриқонунии моддаҳои тарканда, маводи радиоактивӣ, силоҳи биологӣ, химиявӣ ё ядроӣ дар ҳавопаймо, киштӣ ё нақлиёти хушкигард), 194[5] (Ғайриқонунӣ истифода бурдан ва ё партофтани моддаҳои тарканда, силоҳи биологӣ, химиявӣ ё ядроӣ, моддаҳои хатарнок ва зараррасон аз киштӣ ё платформаи стасионарии воқеи шелфи континенталӣ), 310 (Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва 402 (Ҳамла ба шахсон ва муассисаҳои таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта)-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ эътироф гардидаанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» соли 2021 бинобар ба охир расидани муҳлати «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» ва бо мақсади идома додани корҳо дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм Прокуратураи генералӣ муваззаф гардид, ки лоиҳаи «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025»-ро таҳия ва ба баррасии Ҳукумати кишвар пешниҳод намояд. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми июни соли 2021 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» тасдиқ шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 таъкид намуданд, ки: «Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву эктремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд.

Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд».

Биноан, Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ муваззаф гардиданд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо масъалаи таъсиси маркази зикршударо омӯхта, пешниҳодҳои худро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Хулоса, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар такмили қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва дигар ҷиноятҳо, таъмини волоияти қонун, амнияти давлату ҷомеа, таҳкими қонуният ва пойдории сулҳу оромии кишвар нақши назаррас доранд.

«Куллиёти Мавлоно» ба Феҳристи хотироти ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шуд

# ИНСОНАМ ОРЗУСТ



**Осори гаронбаҳои Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ уқёнусеро аз маърифат мемонад, ки ғаввосони моҳир аз он дурру марворид ба даст овардаанд. Ин уқёнуси хурӯшони маърифат аз вуҷуди Мавлоно меҷӯшаду ҷаҳонеро пур месозад ва мавҷ андар мавҷу тӯфон андар тӯфон дар пайкари башар мепечад, то ӯро пок созад ва ба авҷи ҷамолу камол барад.**

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аз инсон сухан мегӯяд, инсони вораста, озод, некманиш, некандеш, ки соҳиби дили поку беолоиш аст ва мазҳаберо, тафриқаеро намешиносад. Тамоми талоши ин инсон барои расидан ба ишқ ва роҳ ёфтан ба ваҳдати вуҷуд аст: Аз ин ҷост, ки мегӯяд:

**З-ин ҳамраҳони сустаносир**
**дилам гирифт,**
**Шери Худою Рустами**
**Дастонам орзуст…**
**Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт**
**гирди шаҳр,**
**К-аз деву дад малуламу**
**инсонам орзуст.**

Инсон будан ва ба камоли одамият расидан дар меҳвари осори Мавлоно қарор дорад. Барои ӯ миллат (ба маънии имрӯзӣ) ва кеше вуҷуд надорад, ӯ танҳо инсонро меситояд. Аҳамияти бузурги осори ӯро ба назар гирифта, 24-уми майи соли равон бо Қарори ЮНЕСКО «Куллиёти Мавлоно» Ҷалолиддини Балхӣ ба Феҳристи хотироти ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд. Набояд фаромӯш кард, ки дар пешбарии «Куллиёти Мавлоно» ба ЮНЕСКО Тоҷикистон саҳми арзанда дорад.

Мавлоно дар дафтари сеюми «Маснавӣ» таъкид мекунад, ки барои ба камол расидан худшиносӣ лозим аст. Агар одамӣ худро нашносад, аз фузунӣ ба камӣ меафтад. Қадру манзалат ва ҷойгоҳи хешро аз даст медиҳад ва худ ба ҳайвон баробар мешавад.

**Хештан нашнохт мискин одамӣ,**
**Аз фузунӣ омаду шуд дар камӣ.**
**Хештанро одамӣ арзон фурӯхт,**
**Буд атлас хеш бар далқе бидӯхт.**

Ба таъбири Мавлоно чор хӯ ё чор хулқи фитнаангез инсонро ба пастӣ мекашанд. Инҳо чор мурғи маънавии роҳзан ҳастанд, ки сар буриданашон беҳ аст:

**Чор мурғи маънавии роҳзан,**
**Кардаанд андар дили халқон**
**ватан.**
**Сар бибур ин чор мурғи зиндаро,**
**Сармадӣ кун хулқи нопояндаро.**

Ин чор мурғи маънавии роҳзанро Мавлоно ба чор мурғ: бат (мурғобӣ), товус, зоғ ва хурӯс нисбат медиҳад, ки мисли чор хулқ дар вуҷуди одамон ҷой гирифтаанд. Бат рамзи ҳирс, товус - ҷоҳталабӣ, хурӯс - шаҳват ва зоғ рамзи тамаъкорӣ аст. Ин чор хӯ дар вуҷуди ҳар касе қувват гирифт, одамияташро табоҳ месозад ва ӯро аз авҷи саодат ба хоки зиллат мекашад. Мавлоно таъкид мекунад, ки одами огоҳу бедордил ин чор мурғи ғоратгарро дар вуҷуди худ хуб мешиносад ва онҳоро сар мебурад, то боғ ва кишти одамияти ӯро ғорат накунанд ва инсонияташро қурбони ҳирс, шаҳват, ҷоҳталабӣ ва тамаъкорӣ насозанд:

**Эй бародар, ту ҳамон андешаӣ,**
**Мо бақӣ, ту устухону решаӣ.**

Агар андешаи инсон мисли гул бошад ба гулшан мубаддал мегардад. Агар инсон мисли хор андешад, ҳосилаш гулхан мешавад. Инсон дар сари дуроҳа қарор дорад: хубӣ ва бадӣ. Хоҳад, ки зиндагиашро бо ишқу муҳаббат созад, ҳаёташро ба боғи пургулу райҳон мубаддал гардонад, хубиро интихоб мекунад. Агар хоҳад, ки аз ӯ бӯи бад ояд, чеҳрааш манфур гардад ва аз ӯ дигарон дурӣ ҷӯянд, роҳи бадро пеш мегирад:

**Гар гулобӣ бар сару**
**ҷайбат зананд,**
**В-ар ту чун бавлӣ,**
**бурунат афкананд.**

Ба пиндори Мавлоно халқи олам се гуна офарида шудааст. Гурӯҳи аввал дорои ақл, илм ва ҷуд (эҳсон) буда, гурӯҳи дувум донише надоранд ва мисли ҳайвон мехӯранду фарбеҳ мешаванду мехобанд. Инҳо, ба ҷуз тавилаву алаф чизеро намебинанд, дар тирабахтӣ мондаанд ва аз шараф бехабаранд. Гурӯҳи савум башаре ҳастанд, ки нимашон фаришта асту ними дигарашон хар (ҳайвон) ва нимаи аввал ба олами боло майл мекунанд ва нимаи дигар ба олами сифлӣ:

**Эй дил, ту даме мутеи**
**субҳон нашудӣ,**
**В-аз кори бадат**
**ҳеҷ пушаймон нашудӣ.**
**Сӯфию фақеҳу зоҳиду донишманд,**
**Ин ҷумла шудӣ,**
**вале мусулмон нашудӣ.**

Мавлоно намунаи инсони комил аст, ки вуҷуди муборакаш саршор аз нуру покию меҳру муҳаббат. Ӯ ба мо низ пар кашидан ба авҷи хубиҳою зебоиҳоро нишон медиҳад. Барои ӯ мусалмону масеҳӣ, будоиву зардуштӣ… вуҷуд надорад, вай ба инсон арҷ мегузорад ва мақоми одамиятро аз ҳама чиз боло медонад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2007, ки бахшида ба 800 – солагии Ҷалолиддини Балхӣ аз ҷониби ЮНЕСКО «Соли Румӣ» эълон шуда буд, таъкид намудаанд: «Ӯ дар таълимоти худ масъалаи баробарии дину мазҳабҳои гуногун ва дар ин поя андешаи таҳаммулпазирии динӣ, мазҳабӣ ва қавмиро ба миён гузоштааст, ки имрӯз ҳамсадои робитаи мусолиматомези фарҳангҳо ва гуфтугӯи тамаддунҳост…

Беҳуда баъд аз фавти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар шаҳри Қуния мотами умумихалқӣ барпо нашудааст, аз паси тобути ӯ издиҳоми бузурги мардуми қавму миллат ва мазҳабҳои гуногун рафта, ҳар кадоми онҳо аз «Қуръон»-у «Инҷил» ва «Таврот»-у «Забур» ба арвоҳи ӯ дуову муноҷот хондаанд».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ зикр кардаанд: «Шахсияти Мавлоно боиси ифтихор ва сарфарозии мо - тоҷикон ва тамоми башарият аст. Ӯ аслан зодаи Вахшонзамини имрӯза буда, бо қудрати сухан ва нубуғи эҷодиаш ба ҷаҳониён собит сохтааст, ки тоҷикон воқеан, миллати куҳанбунёд, бофарҳанг ва соҳибмаърифатанд ва дар эҷоди осори адабиву илмӣ ва фалсафию ирфонӣ дасти тавоно доранд».

**ВОРИС,**
**«Садои мардум»**

# «ЧАРОҒИ ҲИДОЯТ»

## Марказе, ки тӯли мавҷудият даҳҳо нафарро ба роҳи рост ҳидоят кардааст



**Муассисаи давлатии маркази таълимии «Чароғи ҳидоят»-и Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, 15 сол мешавад, ки донишҷӯдухтарони ятим ва бепарастор аз ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ ва хатмкунандагони мактаб-интернатҳои шаҳри Душанбе ройгон дар он иқомат мекунанд.**

Маркази таълимии мазкур дорои 43 ҳуҷра буда, дар он 58 нафар аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ки аз ин шумора 15 ятими кулл, 29 нимятим ва 14 нафар аз оилаҳои ниёзманд ҳастанд.

Ба ин марказ рафтем, то аз шароити зиндагӣ ва таҳсили донишҷӯдухтарон бохабар гардем.

### ОМӮЗГОРОН: «БАРОИ БОШАНДАГОН МОДАРЕМ»

Холбӣ Давлатова зиёда аз шаш сол аст, ки дар муассисаи мазкур аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дарс мегӯяд.

- Мо барои бошандагон модарем. Чун қисми зиёдашон ятим ва нимятиманд, доир ба тамоми паҳлуҳои зиндагӣ суҳбат мекунем. Мефаҳмем, ки онҳо ба чунин суҳбатҳо ниёз доранд, зеро меҳри модарро надидаанд, - гуфт муаллима.

Ба нақли номбурда, барои духтароне, ки хоҳиши иштирок дар дарсҳои иловагӣ доранд, маъмурият ҷадвали махсус тартиб медиҳад. Онҳо аз рӯи шавқу рағбат дар дарсҳои иловагӣ иштирок мекунанд.

Сафарбӣ Маҳмадова соли ҳаштум аст, ки дар маркази мазкур ҳамчун мураббияи шабона фаъолият мекунад. Ба нақли ӯ, корашон душвор ҳам бошад, дилгиркунанда нест.

- Як шаб дар миён навбатдорам. Бо гулдухтарони ин ҷо бисёр суҳбат мекунам, кӯшиш мекунам, ки ҳар чизе дар дил доранд, гӯянд. Онҳо ба ягон душвориву мамоният нигоҳ накарда, талош мекунанд, то илм омӯзанду соҳибкасб гарданд, - илова кард муаллима.

Дар муассисаи мазкур барои ёрии тиббӣ расонидан ба духтарон ҳамшираи шафқат фаъолият мекунад. Саодат Бадалова тӯли даҳ сол аст, ки дар ин ҷо кор мекунад. Ӯ саломатии бошандагони марказро назорат карда, ба онҳо бархе нозукиҳои ин касбро меомӯзонад.

- Ҳукумати мамлакат барои таҳсили духтарон тамоми шароитро муҳайё кардааст. Онҳо аз тамоми хизматрасониҳо ройгон истифода мекунанд. Духтарони мо ба қадри дастгириву ғамхориҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мерасанд ва таҳсили хуби онҳо шаҳодати ин гуфтаҳост, - афзуд Саодат Бадалова.

Бархе духтаронамон, ки ятим ё нимятим ҳастанд, дар ҳамин ҷо тӯй мешаванд. Аз хостгорӣ то тӯй ин ҷо доир мешавад.

### ДОНИШҶӮЁН: «ХОНАИ ХУДАМОН АСТ»

Ситора Ташрифова донишҷӯи курси чоруми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, бо ихтисоси тарҷумони забони англисӣ – тоҷикӣ таҳсил мекунад ва се сол мешавад, ки дар Муассисаи давлатии маркази таълимии «Чароғи ҳидоят» зиндагӣ дорад.

Ӯ аз ноҳияи Рашт буда, бо сабаби камбизоатӣ дар ин марказ ҷойгир шудааст.

Соли 2019 дар сафари кории Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Рашт ба ман муяссар шуд, ки бо он кас суҳбат кунам. Дар ҳамон суҳбат роҳи ояндаи ман аниқ шуд ва бо дастгириву ҳидояти Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ман соҳиби Квотаи президентӣ шудам, - гуфт номбурда.

- Дар марказ дар баробари зиндагиву хӯроки бепул, инчунин, дарсҳои иловагӣ ва умуман зиндагии хуб дорем - илова кард ӯ.

Аз курсҳои кӯтоҳмуддату касбомӯзии марказ Ситора курси пухтупазро интихоб намуда, таомпазӣ ва тарзи тайёр кардани шириниҳоро омӯхтааст. Имсол донишгоҳро хатм мекунад ва ният дорад ваъдаи ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон додаашро иҷро намояд. Яъне, барои мардуми зодгоҳаш хизмат кунад.

Холдонамоҳ Шарифова донишҷӯи курси сеюми ихтисоси мусиқӣ - омӯзгории Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода аст. Номбурда аз шаҳраки Обигарм буда, се сол мешавад, ки дар ин ҷо зиндагӣ мекунад.

- Ин ҷо ҳеҷ камбудӣ надорем. Ба мисли хонаи худамон аст.

Маҳваш Ғуризода донишҷӯи курси сеюми ихтисоси забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ буда, ятими кулл аст. Ӯ аз шаҳри Норак ба ин ҷо омадааст. То донишҷӯ шудан бо апааш зиндагӣ мекард. Ба воситаи рафиқи язнааш, ки аз фаъолияти ин марказ бохабар будааст, маълумот гирифта, баъд аз донишҷӯ шудан ба марказ қабул шудааст.

Маҳваш боварӣ дорад, ки бо ихтисоси интихобкардааш дар зодгоҳ бе мушкилӣ метавонад кор ёбад. Ӯ забоншиносӣ ва технологияҳои иттилоотиро меомӯзад, ду самте, ки кадр бекор намемонад.

Фаровон Фахриддинзода бо ихтисоси китобдор дар факултети омӯзгории Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода таҳсил мекунад. Ӯ нимятим буда, аз ноҳияи Айнӣ аст ва тибқи Квотаи президентӣ таҳсил дорад.

Дар марказ китобхона фаъолият дошта, Фаровон дар он ним баст кор мекунад. Ӯ мегӯяд, ки таваҷҷуҳи истиқоматкунандагони марказ ба китобу китобхонӣ зиёд аст ва ҳоло дар китобхонаашон 2578 нусха китоб маҳфуз аст.

Дар маҷмӯъ, «Чароғи ҳидоят» тӯли мавҷудият нафарони зиёдро ба роҳи рост ҳидоят кардааст.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
